ФАРМОИШИ
РАИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

аз «02» 11 соли 2026 № 407/ук ш. Душанбе

Дар бораи додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос

Мутобиқи сархати ҳабдаҳуми банди 9, сархатҳои чорум ва даҳуми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270 ва бандҳои 6, 114, 115 ва 126 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудаанд, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Ба довталабони дараҷаи илмӣ тибқи рӯйхат (панҷ нафар) дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос дода шавад (рӯйхат замима мегардад).
2. Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус (Суҳроб Ҷурахонзода) дипломҳои намунаи давлатии дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисосро барасмият дарорад.
3. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои гуманитарӣ (Самариддини Ҷамоли) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоишро дар сомонаи Комиссия ва парвандаҳои аттестатсионӣ ҷойгир намояд.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Расул Маъруфӣ вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 октябри соли 2026, №11

Раис Сайфиддин Давлатзода

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ

Замима
ба фармоиши раиси Комиссияи
олии аттестатсионии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «02» 11 соли 2026, № 407/ук

Рӯйхати
довталабоне, ки ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос сазовор дониста шудаанд ва ба онҳо дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмӣ дода мешавад

№	Насаб, ном ва номи падари довталаб	Шурои диссертатсионӣ, ки барои сазовор донистани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос ба Комиссия дархостнома пешниҳод кардааст; дараҷаи илмӣ
1.	Абдуллозода Эмомалӣ Асадулло	6D.KOA-070 назди Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхуҷа Сатторов ва Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон ; доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100–Мусиқишиносӣ (6D040101–Санъати мусиқӣ)
2.	Убайдзода Бахтиёр Аҳрорӣ	6D.KOA-070 назди Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов ва Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон; доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100–Мусиқишиносӣ (6D040101–Санъати мусиқӣ)
3.	Ҳусайнзода Руҳуллоҳ Салоҳуддин	6D.KOA-061 назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав; доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060100– Математика (6D060101–Таърихи илму техника (математика)
4.	Сафарализода Абдуҷаббор Сафарали	6D.KOA-123 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400–Рӯзноманигорӣ (6D050401–Рӯзноманигорӣ)
5.	Ибодова Сайёҳат Маҳмадуллоевна	6D.KOA-117 назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода; доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300–Забоншиносӣ (6D021310–Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ)